Д тоҷ2
О-14.



Бо таҳрир ва тақмили
Додоҷон Обидзода

# Хурӯси хушсадои ман



## ОФТОБИ САҲАР

Саҳар офтоб баромад,
Ҷонаки мо даромад.
Давидему давидем,
Назди хола расидем.
Хола гуфт: – «ҳезум чин».
Ҳезум чидем як хӯрҷин.
Ҳезумро алав кардем,
Як декча палав кардем.
Рӯи табақ кашидем,
Бо хола ба ҳам дидем.
Холаҷон шодмон шуд,
Ба моён меҳрубон шуд.







## СЎЗАНАК

Аловакро кофтем,
Сўзанаке ёфтем.
Сўзанаки кӣ бошад?
Дар думакаш чӣ бошад?
Сўзани Бегим будаст,
Думаш абрешим будаст.
Абрешим ало будаст,
Сузанак тилло будаст.



## ПИШАКИ ДУЗДИ АЛО

Пишак омад лаби бом,
Аз барои шири хом.
Ширро хўрду дам кард,
Шикамчааш варам кард.
Дасту пояш ларзид,
Охир аз по афтид.
Даҳонашро боз кард,
Пояшро дароз кард.
Пишаки дузди ало,
Дигар начунбид аз ҷо.







11775
шаб





## МИРБАЧА

Аз боло ғубор омад,
Як марди савор омад.
Ин мардаки савора,
Мирбачаи бекора.
Мирбачаи бурдоқи,
Каллапӯшаш ироқи.
Як қамчин ба мо андохт,
Дар бандаки по андохт.
Пояки мо варам кард,
Кораш басе алам кард.
Қасд кардему аҳд кардем,
Мо ҳам ҷидду ҷаҳд кардем.
Сӯи мирбача тохтем,
Ба пояш чанг андохтем.
Афтондему лат кардем,
Бо ду по лағат кардем.
Абгору абтар кардем,
Аз хона бадар кардем.

## ИДИ

Ид омаду ид омад,
Чи рӯзи саид омад.
Бобои Рашид омад,
Аз пушти Ҳамид омад.
Паниру қурут овард,
Олую муруд овард.
Идиашро хӯрдем,
Бо иштиҳо хӯрдем.
Шикамчаҳо пур шуд,
Ғамҳои мо дур шуд.





## КАФШИ ТИЛЛО

Додом аз Қуқанд омад,
Дар аспи саманд омад.
Тӯҳфае ба мо овард,
Як кафши тилло овард.
Кафши тилло пупакдор,
Гирдакаш нақшу нигор.
Ду пӯпакаш аз тилло,
Нақшу нигораш зебо.
Тӯҳфаи аъло бошад,
Табъи дили мо бошад.
Сайру тамошо равем,
Бо кафши тилло равем.





## БОРОН

Борон борид ин саҳар,
Бому ҳавлӣ шуда тар.
Ҷуйҳо пури об шуд,
Дашту чӯл сероб шуд.
Ин борони баҳор аст,
Нафъаш ба мо бисёр аст.

## БОРОНИ БАҲОР

Борони баҳор,
Бисёртар бор.
Замин кӯл шавад,
Ҳосил мӯл шавад.

Гулистон шавад
Дашту биёбон.
Пури нон шавад
Хонаи деҳқон.



# БОРОНИ НАЙСОН

Борон, биё, борон, биё,
Боронаки найсон, биё.
Чун оби ҷӯйборон биё,
Табъи дили чӯпон биё.
Бар киштаи деҳқон биё,
Бар хоҳиши боғбон биё.
Шому саҳаргоҳон биё,
Болидаву хандон биё.









## КАБУТАР

Кабутари ҳавоӣ,
Чаро ту камнамоӣ?
Моро фаромўш кардӣ?
Гапи киро гўш кардӣ?
Сўи мо парвоз кун,
Моро сарфароз кун.
Аз мо саломе расон,
Ба модари меҳрубон.
Модар дуоят диҳад,
Тўҳфа бароят диҳад.





## ГУНҶИШКАК

Гунҷишкаки мар-марӣ,
Ба аком хабар барӣ.
Акои ман аскар аст,
Вай дар шаҳри дигар аст.
Хизмати Ватан кунад,
Дар дашту даман кунад.
Ба қавлаш вафо кунад,
Қарзашро адо кунад.
Аком ҷусту чолок аст,
Ў ҷавони бебок аст.







## ХУРӮСИ ХУШСАДОИ МАН

Хурӯси хушсадои ман,
Биё, бихон барои ман.
Ба сар тоҷи тилло дорӣ,
Болҳои пурҷило дорӣ.
Суруди субҳ мехонӣ,
Бихон ҳар чӣ ки медонӣ.

## СОКИНА

Сокинаҷон, Сокина,
Хоҳари ҷон, Сокина.
Сокина дар боғ буд,
Зулфаш пари зоғ буд.
Зулфакашро бофтем,
Пушти сар партофтем.
Сокина рӯи сабза,
Гул мечид қабза-қабза.







## ХУРӮСИ ХУШСАДОИ МАН

Хурӯси хушсадои ман,
Биё, бихон барои ман.
Ба сар тоҷи тилло дорӣ,
Болҳои пурҷило дорӣ.
Суруди субҳ мехонӣ,
Бихон ҳар чӣ ки медонӣ.



## СОКИНА

Сокинаҷон, Сокина,
Хоҳари ҷон, Сокина.
Сокина дар боғ буд,
Зулфаш пари зоғ буд.
Зулфакашро бофтем,
Пушти сар партофтем.
Сокина рӯи сабза,
Гул мечид қабза-қабза.




## РАДИО

Мо харидем радио,
Симчаҳояш пурчило.
Радиои хушовоз,
Мехонад рӯзи дароз.
Радиоро гӯш кунем,
Хонишашро хуш кунем.
Бо созаш бозӣ кунем,
Мардума розӣ кунем.



## НОНИ ГАРМ

Увариё, уварӣ,
Майдон пури ҷуворӣ.
Ҷувориро дон кардем,
Танӯр-танӯр нон кардем.
Нони гарми хушмазза,
Дарунаш ширу ҷазза.
Рӯи дастурхон кардем,
Манзури меҳмон кардем.
Дастархон обод шуд,
Меҳмони мо шод шуд.





## ДОДО БОШАД, БОЙ БОШАД





Додо бошад, бой бошад,
Кӯзаи тиллош бошад.
Ҳар боре «додо» гӯям,
Аз сарам тилло пошад.

## МАН ЧОЙРЕЗАКИ ДОДОМ

Олуча – гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом пишта чой хӯрад,
Ман чойрезаки додом.



Респуб
детская
11775.




Муҳаррири

масъул:

Исроил Баротов

Душанбе – 1999